**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, № 02 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқи нақшаи кории Шурои олимони факултетҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022-2023

Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳоди раисони Шурои олимони факултетҳои Донишгоҳро дар хусуси тасдиқи «Нақшаи кории Шурои олимони факултет» баррасӣ намуда,

қарор кард:

1. Пешниҳоди раиси Шурои олимони факултетҳои Донишгоҳ дар хусуси тасдиқи «Нақшаи кории Шурои олимони факултет» ба инобат гирифта шаванд.
2. Нақшаи кории Шурои олимони факултетҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022-2023 тасдиқ ва ба мавқеи иҷро вогузор карда шаванд.
3. Садорати факултетҳо, сохторҳои таркибии факултетҳо вазифадор карда шаванд, ки татбиқи амалии нақшаи тасдиқшударо таъмин намоянд.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи раисони Шурои олимони факултетҳо вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Доир ба риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Комиссияи доимамалкунандаи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Н.С.Каримовро доир ба риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард**:

1. Гузориши раиси Комиссияи доимамалкунандаи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Н.С.Каримовро доир ба риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.
2. Таълиф ва чопи маводи таълимӣ ва луғатҳои тахассусӣ ба забони давлатӣ боз ҳам густариш дода шуда, таҳияи корҳои курсӣ, рисолаҳои магистрӣ дар факултетҳои тиббӣ, фарматсевтӣ ва табиатшиносию риёзӣ пурра ба забони давлатӣ ба роҳ монда шавад.
3. Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи факултетҳо боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шуда, дар тамоми сохторҳои Донишгоҳ пайваста зери назорат қарор дода шаванд.
4. Дар самти тарҷума ва баргардони китобҳои нодири ихтисосҳои равияи табиатшиносӣ, тиббӣ ва фарматсевтӣ кӯшиш ба харҷ дода шавад ва ба ҳайси муҳаррир ва тарҷумон омӯзгорони кафедраҳои марбутаи Донишгоҳ сафарбар карда шаванд.
5. Ба садорати факултетҳо ва сохторҳои донишгоҳ супориш дода шавад, ки шиору овезаҳои долону синфхонаҳо ва утоқҳои кориро мувофиқи имлои нав дида бароянд.
6. Ба мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва усусли таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология супориш дода шавад, ки ҷиҳати татбиқи минбаъдаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар Донишгоҳ нақшаи чорабиниҳо омода намуда, ба Раёсати Донишгоҳ пешниҳод намояд.

7. Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва шахсони масъул вазифадор карда шаванд, ки дар хусуси таҷдиди назар намудани феҳристи ҳуҷҷатгузории Донишгоҳ чораҳои зарурӣ андешанд.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Н.М.Собирзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022 № 02 ш.Душанбе

Дар бораи ҷамъбасти кори Комиссияи қабули довталабон
барои соли таҳсили 2022-2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи котиби масъули Комиссияи қабули Донишгоҳ С.С.Қосимзодаро дар хусуси «Ҷамъбасти фаъолияти комиссияи қабул дар соли таҳсили 2022-2023» шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Ҳисоботи котиби масъули комиссияи қабул Қосимзода С.С. дар хусуси «Ҷамъбасти фаъолияти комиссияи қабул дар соли таҳсили 2022-2023» ба инобат гирифта шуда, фаъолияти комиссияи қабули донишҷӯён дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023 қаноатбахш ҳисобида шавад.

2. Ба сохторҳои дахлдор ва кафедраҳои марбути Донишгоҳ супориш дода шавад, ки ҷиҳати такмилу таҷдид ё тағйири номи ихтисосҳое, ки теъдоди ками довталабон тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро интихоб намудаанд, дар муддати як моҳ фикру андешаҳои худро ба раёсати таълим пешниҳод намоянд.

3. Комиссияи қабул вазифадор карда шавад, ки ҳисоботи мазкурро дар шакли хаттӣ ва электронӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд.

4. Раёсати таълим ва садорати факултетҳо вазифадор карда шаванд:

4.1. машғулиятҳои дарсиро барои донишҷӯёни курси якум тибқи талаботи нақшаҳои нави таълимӣ (тасдиқи соли 2022) вобаста ба ҷадвалҳои дарсӣ дар шуъбаи рӯзона ва шакли таҳсили фосилавӣ ба роҳ монда, раванди иштироки донишҷӯён ва махсусан курсҳои якуми зинаи таҳсилоти бакалавр, мутахассис ва магистратураро зери назорат қарор диҳанд;

4.2. раванди бастани қарордоди сетарафаро бо донишҷӯёни курси якуми гурӯҳҳои буҷавии ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ, махсусан бо донишҷӯёне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисосҳои мухталифи Донишгоҳ дар соли таҳсили 2022-2023 дохил шудаанд ва масъалаи минбаъд аз рӯи ихтисоси хатмнамудаашон саривақт ба ҷойи кор ҳозиршавии донишҷӯёни мазкурро зери назорати бевоситаи худ қарор диҳанд;

4.3. таълими забонҳои русӣ ва англисиро дар ихтисосҳои марбутаи Донишгоҳ зери назорат қарор дода, ҷиҳати ифтитоҳи гурӯҳҳои академӣ бо забони русию англисӣ, махсусан ифтитоҳи гурӯҳи англисиро аз рӯи

ихтисоси 24010200 – ҳуқуқшиносӣ шуруъ аз соли таҳсили 2022-2023 зери назорат қарор дода, ба Раёсати Донишгоҳ пешниҳод манзур созанд;

4.4. раванди сатҳу сифати таълими машғулиятҳои дарсии забонҳои русӣ ва хориҷиро дар курсҳои якуми факултетҳои донишгоҳ ва ихтисосҳое, ки забони таҳсилашон ба русӣ ва англисӣ роҳандозӣ гардидааст, зери назорат гирифта, ҷиҳати баргузор намудани мониторингҳои пайвастаи сифати таълим дар гурӯҳҳои мазкур ба Раёсати Донишгоҳ гузориш пешниҳод намоянд;

4.5. барои қабул ба зинаи магистратура хатмкунандагони зинаи таҳсилоти бакалавре, ки дониши аъло ва ахлоқи намунавӣ доранд ва барои қабул ба зинаи докторантураи Ph.D аз ҳисоби хатмкунандагони фаъоли зинаи магистратураи Донишгоҳ, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намудаанд ва забонҳои давлатию хориҷиро хуб дониста, ҳисси баланди ватандӯстиву масъулиятшиносӣ доранд, чораҳои таъхирнопазир андешанд;

4.6. барои ҷалби минбаъдаи донишҷӯёни курси якум, ки тариқи имтиёз, аз ҷумла, бо медали тилло, аттестати сурх, барои гирифтани ҷойи якум ва дуюм дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва ё барои ба даст овардани ғолибият дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ба Донишгоҳ дохил шудаанд, дар чорабиниҳои донишгоҳӣ, аз ҷумла дар дастаҳои олимпии донишгоҳӣ ва озмунҳои донишгоҳӣ чораҳои мушаххас андешанд;

4.7. корҳои ташвиқотию тарғиботиро ҷиҳати ҷалби ҳарчӣ бештари довталабон ба ихтисосҳое, ки 3 соли охир теъдоди ками довталабон дар онҳо ҳуҷҷат месупоранд, беҳтар намоянд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовин аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

«Ҳисобот дар бораи натиҷаи
таҷрибаомӯзии таълимӣ, таълимӣ-саҳроӣ ва истеҳсолии
донишҷӯёни шуъбаи рӯзона дар соли хониши 2022-2023»

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият Маҳмадизода Ф.Б.-ро «Оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзии таълимӣ, таълимӣ-саҳроӣ ва истеҳсолии донишҷӯёни шуъбаи рӯзона дар соли хониши 2022 - 2023» шунида ва муҳокима намуда,

қарор кард:

1. Ҳисоботи мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият Маҳмадизода Ф.Б «Оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзии таълимӣ, таълимӣ-саҳроӣ ва истеҳсолии донишҷӯёни шуъбаи рӯзона дар соли хониши 2022 - 2023» қаноатбахш ҳисобида шавад.

2. Ба мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият, садорат, мудирони кафедраҳои тахассусӣ, роҳбарони таҷрибаомӯзӣ супориш дода шавад, ки рафти таҷрибаомӯзиро минбаъд беҳтар намуда, назорати ҷиддӣ ба роҳ монанд.

3. Ба садорати факултетҳо ва мудирони кафедраҳои тахассусӣ, умумидонишгоҳӣ супориш дода шавад:

3.1. таҷрибаомӯзонро ба макони таҷрибаомӯзӣ танҳо мутобиқи фармоиши ректори Донишгоҳ «Дар хусуси ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар намудани донишҷӯён» сафарбар намоянд;

3.2. дар сурати дар муассисаю корхонаҳо ба ҳайси таҷрибаомӯз қабул накардани донишҷӯ дар мувофиқа бо Раёсати Донишгоҳ макони таҷрибаомӯзро иваз намоянд;

3.3. сари вақт лоиҳаи фармоишҳо оид ба сафарбар намудани донишҷӯён ба таҷрибаомӯзиро омода намоянд;

3.4. ҳисоботҳои таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби садорати факултетҳо ба шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият тибқи талаботи банди 37 –и Низомнома дар муддати 5 рӯз баъд аз бозгашт аз таҷрибаомӯзӣ шунида шавад;

3.5. пас аз ба анҷом расидани таҷрибаомӯзӣ ҳисобот ва нусхаи варақаи имтиҳониро ба шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият пешниҳод созанд.

4. Шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият вазифадор карда шавад, ки рафти таҷрибаомӯзии факултетҳоро назорат намуда, аз натиҷааш ба Раёсати Донишгоҳ гузориш пешниҳод намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, № 02 ш. Душанбе

Дар бораи «Натиҷаи қабул ба докторантураи Ph.D,
доктор аз рӯйи ихтисос дар Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон дар солҳои таҳсили 2022-2023»

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзодаро дар бораи «Натиҷаи қабул ба докторантураи доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023» шунидаю баррасӣ намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар бораи «Натиҷаи қабул ба докторантураи Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023» ба инобат гирифта шавад.

2. Барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти докторантони Ph.D садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои марбута вазифадор карда шаванд:

2.1. нақшаи инфиродӣ, мавзуъ ва роҳбари илмии докторантони Ph.D-ро то 30-юми ноябри соли 2022 дар ҷаласаҳои кафедраҳо ва шуроҳои олимони факултетҳо тасдиқ карда, ба шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории раёсати илм пешниҳод намоянд;

2.2. мавзуъҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии докторантони Ph.D дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраҳо ба нақша гирифта шавад;

2.3.барои сари вақт анҷом додани ҳамагуна ҳуҷҷатгузориҳо ва пешниҳоди рисолаҳои докторантони Ph.D мусоидат намоянд.

3. Ба мудири шуъбаи омоданамоии кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории раёсати илм супориш дода шавад, ки рафти иҷрои нақшаи инфиродии докторантони Ph.D-ро зери назорати қатъӣ гирад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**ҚАРОРИ**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Дар бораи вазъи омодагии биноҳои маъмурию таълимӣ ва хобгоҳҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023

Шурои олимони донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф. А. Қодирзодаро "Дар барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023" шунидаю муҳокима намуда,

ҚАРОР КАРД:

1. Гузориши муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Қодирзода Ф. А. "Дар барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023" ба инобат гирифта шавад.

2. Муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Қодирзода Ф. А. вазифадор карда шавад:

2.1. фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2022, №233-6 "Дар бораи фаъолияти мунтазам ва самарабахши Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022 – 2023" – ро ба роҳбарӣ гирифта, барои иҷрои саривақтии бандҳои Нақшаи чорабиниҳо фармоиши мазкур чораҳои заруриро роҳандозӣ намояд;

2.2. садорати факултетҳо ва роҳбарони сохторҳои марбутаи донишгоҳ вазифадор карда шаванд, ки дар маъракаи омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022 – 2023 фаъол бошанд ва уҳдадориҳои худро сари вақт иҷро намоянд.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Қодирзода Ф. А. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**ҚАРОРИ**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

«Оид ба пешниҳоди мавзуъҳои нави илмии фармоишии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (*барои солҳои 2024-2028*) ба шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-тадқиқоти назди АМИТ»

Шурои олимони донишгоҳи гузориши директори Институти илмию таҳқиқотӣ, д.и.хим., профессор С.И. Раҷабзодаро “Оид ба мавзуъҳои нави илмии фармоишӣ барои солҳои 2024-2028” муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши директори Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.хим., профессор С.И. Раҷабзода оид ба пешниҳоди мавзуъҳои нави илмии фармоишӣ барои солҳои 2024-2028 ба инобат гирифта шавад. (руйхати мавзуъҳо замима мешавад).
2. Ба директори Институти илмию таҳқиқотӣ супориш дода шавад, ки:
- барои сари вақт омода ва пешниҳод намудани мавзӯъҳои нави илмии фармоишӣ ба шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-тадқиқоти назди АМИТ оид ба гирифтани хулосаи эксперт, молиякунонии буҷавии барномаҳо ва лоиҳаҳои илмӣ, илмӣ - техникӣ корбариро дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ” (*барои солҳои 2021-2025 аз 26 сентябри соли 2020, №503*) ба роҳ монад.
- барои аз ҷониби устодону кормандони донишгоҳ таҳия намудани лоиҳаҳои нави илмию таҳқиқотиро, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ доранд дар солҳои минбаъда чораҳои зарурӣ андешад.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Оид ба «Муқаррар намудани маоши хизматӣ»

Шурои олимони Донишгоҳ аризаҳои муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ Абдуллоева Меҳрангез Масруровна, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа Холов Хушбахт Қодирович, кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърих Неъмонов Беҳрузҷон Зариёевич ва мудири лабораторияи таълимии кафедраи оптика ва спектроскопияи факултети физика Давлатҷонова Шукуфа Ҳуҷамбердиевнаро баррасӣ ва муҳокима намуда,

**қарор кард**:

1. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №250 аз 1 июли соли 1999 «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсонӣ дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди ақали подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба маоши Абдуллоева М.М. (н.и.ф. аз 05 июли соли 2022, 793/нк), Холов Х.Қ. (н.и.с. аз 01 июли соли 2022, № 205/ди), Неъмонов Б.З. (н.и.т. аз 31 июли соли 2019, № 769/нк-4) ва Давлатҷонова Ш.Ҳ. (н.и.ф.м. аз 01 июли соли 2022, № 786/нк) ба андозаи 30 фоизи маоши хизматӣ муқаррар карда шавад.
2. Ба сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус (Тавқиев Э.Ш.) супориш дода шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур лоиҳаи фармоишро ба ректор манзур намояд.
3. Сармуҳосиб (Хайруллоев С.Қ.) вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарор чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Оид ба «Муқаррар намудани маоши хизматӣ»

Шурои олимони Донишгоҳ аризаҳои ассистентҳои кафедраи забони русӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологии факултети филологияи рус Тозаева Фарзона Беҳзодовна, кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии факултети иқтисод ва идора Абдуева Сурайё Зиёевна, кафедраи экологияи факултети биология Бутаев Маҳмадшариф Қодирович, кафедраи ҷарроҳии факултети тиббӣ Достиев Умед Ашурович ва ассистенти кафедраи электроникаи физикии факултети физика Раҳматов Бадурдин Амируллоевичро баррасӣ ва муҳокима намуда,

**қарор кард**:

1. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №250 аз 1 июли соли 1999 «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди ақали подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба маоши Тозаева Ф.Б. (н.и.ф. аз 05 июли соли 2022, № 793/нк), Абдуева С.З. (н.и.и. аз 01 августи соли 2022, № 975/нк), Бутаев М.Қ. (н.и.б. аз 01 июли соли 2022, № 188/ди), Достиев У.А. (н.и.т. аз 27 апрели соли 2022, № 306/нк), ва Раҳматов Б.А. (н.и.ф.м. 01 июли 2022, №786/нк) ба андозаи 30 фоизи маоши хизматӣ муқаррар карда шавад.
2. Ба сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус (Тавқиев Э.Ш.) супориш дода шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур лоиҳаи фармоишро ба ректор манзур намояд.
3. Сармуҳосиб (Хайруллоев С.Қ.) вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарор чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**ҚАРОРИ**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Оид ба ҳисоботи докторант

Шурои олимони донишгоҳ ҳисоботи докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идора Зияева Манижа Давроновнаро дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли якуми таҳсил шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Ҳисоботи докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идора Зияева Манижа Давроновна дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли якуми таҳсил ба инобат гирифта шавад.
2. Фаъолияти илмии докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идора Зияева Манижа Давроновна дар соли якуми таҳсил қаноатбахш ҳисобида шавад.
3. Докторант Зияева Манижа Давроновна аз соли якум ба соли дуюми таҳсил тавсия карда шавад.
4. Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**ҚАРОРИ**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Оид ба ҳисоботи докторант

Шурои олимони донишгоҳ ҳисоботи докторанти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърих Хоҷаев Меҳровар Пардалиевичро дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли якуми таҳсил шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Ҳисоботи докторанти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърих Хоҷаев Меҳровар Пардалиевич дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли якуми таҳсил ба инобат гирифта шавад.
2. Фаъолияти илмии докторанти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърих Хоҷаев Меҳровар Пардалиевич дар соли якуми таҳсил қаноатбахш ҳисобида шавад.
3. Докторант Хоҷаев Меҳровар Пардалиевич аз соли якум ба соли дуюми таҳсил тавсия карда шавад.
4. Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

# ҚАРОРИ

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Оид ба ҳисоботи докторант

Шурои олимони донишгоҳ ҳисоботи докторанти кафедраи физикаи ҳастаи факултети физика Хоҷаев Юнус Пардалиевичро дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли якуми таҳсил шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Ҳисоботи докторанти кафедраи физикаи ҳастаи факултети физика Хоҷаев Юнус Пардалиевич дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли якуми таҳсил ба инобат гирифта шавад.
2. Фаъолияти илмии докторанти кафедраи физикаи ҳастаи факултети физика Хоҷаев Юнус Пардалиевич дар соли якуми таҳсил қаноатбахш ҳисобида шавад.
3. Докторант Хоҷаев Юнус Пардалиевич аз соли якум ба соли дуюми таҳсил тавсия карда шавад.
4. Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**ҚАРОРИ**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Оид ба ҳисоботи докторант

Шурои олимони донишгоҳ ҳисоботи докторанти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевичро дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли якуми таҳсил шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Ҳисоботи докторанти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли якуми таҳсил ба инобат гирифта шавад.
2. Фаъолияти илмии докторанти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич дар соли якуми таҳсил қаноатбахш ҳисобида шавад.
3. Доктoрант Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич аз соли якум ба соли дуюми таҳсил тавсия карда шавад.
4. Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

Қарори
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30.09.2022 №02 ш.Душанбе

Оид ба ҳисоботи докторант

Шурои олимони донишгоҳ ҳисоботи докторанти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология Шукуров Гулназар Холовичро дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли сеюми таҳсил шунидаю муҳокима намуда,

қарор кард:

1.Ҳисоботи докторанти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология Шукуров Гулназар Холович дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли сеюми таҳсил ба инобат гирифта шавад.

2.Фаъолияти илмии докторанти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология Шукуров Гулназар Холович дар соли сеюми таҳсил қаноатбахш ҳисобида шавад.

3.Докторант Шукуров Гулназар Холович вазифадор карда шавад, ки рисолаи докториашро барои муҳокима ба кафедра пешниҳод намояд.

4.Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

Қарори
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30. 09. 2022 №02 ш.Душанбе

Оид ба ҳисоботи докторант

Шурои олимони донишгоҳ ҳисоботи докторанти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ Норов Хуршед Ғиёсиддиновичро дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли сеюми таҳсил шунидаю муҳокима намуда,

қарор кард:

1.Ҳисоботи докторанти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ Норов Хуршед Ғиёсиддинович дар хусуси фаъолияти илмӣ дар соли сеюми таҳсил ба инобат гирифта шавад.

2.Фаъолияти илмии докторанти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ Норов Хуршед Ғиёсиддинович дар соли сеюми таҳсил қаноатбахш ҳисобида шавад.

3.Докторант Норов Хуршед Ғиёсиддинович вазифадор карда шавад, ки рисолаи докториашро барои муҳокима ба кафедра пешниҳод намояд.

4.Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Решение**
заседания Ученого совета Таджикского национального университета

от 30 сентября 2022 года №02 г.Душанбе

Об утверждении Положения о звании «Почетный доктор Таджикского национального университета» (Doctor Honoris Causa of the Tajik National University)

Ученый совет университета, заслушав и обсудив выступление проректора по международным отношениям И.Г.Гафforзода об утверждение Положения о звании «Почетный доктор Таджикского национального университета» (Doctor Honoris Causa of the Tajik National University),

**решил:**

1. Учесть выступление проректора по международным отношениям И.Г.Гафforзода об утверждение Положения о звании «Почетный доктор Таджикского национального университета» (Doctor Honoris Causa of the Tajik National University).
2. Утвердить Положение о звании «Почетный доктор Таджикского национального университета» (Doctor Honoris Causa of the Tajik National University).
3. Контроль за исполнением настоящего решения возложить на ректора университета К.Х. Хушвахтзода.

Председатель Совета Хушвахтзода К.Х.

И.о. секретаря Совета Шоймардонов С.К.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30 сентябри соли 2022 №02 ш.Душанбе

Дар хусуси тасдиқ намудани Низомнома дар бораи унвони «Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Doctor Honoris Causa of the Tajik National University)

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ И.Ғ. Ғаффорзодаро дар хусуси тасдиқ намудани Низомнома дар бораи унвони «Доктори фахрии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон» (Doctor Honoris Causa of the Tajik National University) шунида, баррасӣ намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ И.Ғ. Ғаффорзода дар хусуси тасдиқи Низомнома дар бораи унвони «Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Doctor Honoris Causa of the Tajik National University) ба инобат гирифта шавад.
2. Низомнома дар бораи унвони «Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Doctor Honoris Causa of the Tajik National University) тасдиқ карда шавад.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори донишгоҳ Қ. Х. Хушвахтзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

Қарори
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30. 09. 2022 №02 ш.Душанбе

Оид ба қабул намудани докторант

Шурои олимони донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих Шоев Ғайратшо Атоликшоевичро (дар мавзуи «Таърихнигории масъалаи ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1917-2021») шунидаю муҳокима намуда,

қарор кард:

1.Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих Шоев Ғайратшо Атоликшоевич ба инобат гирифта шавад.

2. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих Шоев Ғ.А. аз 01.09.2022 то 01.09.2025 (ба муҳлати се сол) ба ҳайси докторанти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих қабул карда шавад.

3.Мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих Шоев Ғ.А. (дар мавзуи «Таърихнигории масъалаи ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1917-2021») тасдиқ карда шавад.

4.Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Шоев Ғ.А. доктори илмҳои таърих, профессор Зикриёева М.Ф. таъин карда шавад.

5.Ба мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ супориш дода шавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани банди дуюм, сеюм ва чоруми қарори лоиҳа фармоишро ба ректори донишгоҳ манзур намояд.

6.Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

Қарори
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30. 09. 2022 №02 ш.Душанбе

Оид ба қабул намудани докторант

Шурои олимони донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи рус Давлатов Муҳиддинҷон Абдулҳакимовичро (дар мавзуи «Лингвокогнитивное моделирование репрезентации знаний в языке (на примере лексической характеристики человека в таджикском и русском языках)») шунидаю муҳокима намуда,

қарор кард:

1.Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудаи номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи рус Давлатов Муҳиддинҷон Абдулҳакимович ба инобат гирифта шавад.

2. Номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи рус Давлатов М.А. аз 01.09.2022 то 01.09.2025 (ба муҳлати се сол) ба ҳайси докторанти кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи рус қабул карда шавад.

3.Мавзуи рисолаи доктории Давлатов М.А. «Лингвокогнитивное моделирование репрезентации знаний в языке (на примере лексической характеристики человека в таджикском и русском языках)» тасдиқ карда шавад.

4.Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Давлатов М.А. доктори илмҳои филология, профессор Шанбезода Х.Ҷ. таъин карда шавад.

5.Ба мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ супориш дода шавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани банди дуюм, сеюм ва чоруми қарори лоиҳа фармоишро ба ректори донишгоҳ манзур намояд.

6.Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

Қарори
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30. 09. 2022 №02 ш.Душанбе

Оид ба қабул намудани докторант

Шурои олимони донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои филология Хушдил Раҳимиро (дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони истиқлолият 1990-2020)») шунидаю муҳокима намуда,

қарор кард:

1.Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои филология Хушдил Раҳимӣ ба инобат гирифта шавад.

2. Номзади илмҳои филология Хушдил Раҳимӣ аз 01.09.2022 то 01.09.2025 (ба муҳлати се сол) ба ҳайси докторанти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика қабул карда шавад.

3.Мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои филология Хушдил Раҳимӣ (дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони истиқлолият 1990-2020») тасдиқ карда шавад.

4.Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Хушдил Раҳимӣ доктори илмҳои филология, профессор Саъдуллоев Ҷ. таъин карда шавад.

5.Ба мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ супориш дода шавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани банди дуюм, сеюм ва чоруми қарори лоиҳа фармоишро ба ректори донишгоҳ манзур намояд.

6.Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

Қарори
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30. 09. 2022 №02 ш.Душанбе

Дар ба қабул намудани ходими илмӣ

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси ба ҳайси ходими илмӣ қабул намудани номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология Ҳайдаров Фахриддин Наботовичро (дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва муҳити адабии замони Салҷуқиён (нимаи дуюми асриXI ва аввали асри XII)» шунидаю муҳокима намуда,

қарор кард:

1.Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси ба ҳайси ходими илмӣ қабул намудани номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология Ҳайдаров Ф.Н. ба инобат гирифта шавад.

2. Номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология Ҳайдаров Ф.Н. аз 01.09.2022 то 01.09.2024 (ба муҳлати ду сол) ба ҳайси ходими илмии кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология қабул карда шавад.

3.Мавзуи рисолаи доктории Ҳайдаров Ф.Н. «Амир Муиззӣ ва муҳити адабии замони Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» тасдиқ карда шавад.

4.Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Ҳайдаров Ф.Н. доктори илмҳои филология, профессор Мисбоҳиддин Нарзиқул таъин карда шавад.

5.Ба мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ супориш дода шавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани банди дуюм, сеюм ва чоруми қарори лоиҳаи фармоишро ба ректори Донишгоҳ манзур намояд.

6. Сармуҳосиби Донишгоҳ вазифадор карда шавад, ки музди меҳнати ходими илмиро мувофиқ ба музди меҳнати вазифавии номзади илм муқаррар намояд.

7.Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30 сентябри соли 2022 №02 ш.Душанбе

Дар бораи таъсиси кафедраҳои тахассусӣ
дар факултети тиббии донишгоҳ

Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳоди садорати факултети тиббиро аз 29.08.2022, №303 «Дар хусуси дар заминаи кафедраҳои тахассусии амалкунанда таъсис додани кафедраҳои тахассусии нав дар факултети тиббӣ» баррасӣ ва муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Пешниҳоди садорати факултети тиббӣ «Дар хусуси дар заминаи кафедраҳои тахассусии амалкунанда таъсис додани кафедраҳои нав дар факултети тиббӣ» ба инобат гирифта шавад.

2. Дар сохтори таркибии факултети тиббии донишгоҳ дар заминаи кафедраҳои тахассусии амалкунанда кафедраҳои зерин таъсис дода шуда, номгӯи воҳиди штатии кафедраҳои нави факултети тиббӣ ба таври зайл тақсим ва тасдиқ карда шаванд:

2.1. дар заминаи кафедраи амалкунандаи «Ҷарроҳӣ» таъсиси кафедраи тахассусии «Ҷарроҳии 1-ум» бо воҳидҳои кории 2-профессор, 2-дотсент, 2-муаллими калон, 12-ассистент (бо 12 563 соат) ва 1-лаборант-ҷамъ:19 воҳиди корӣ;

2.2. дар заминаи кафедраи тахассусии «Ҷарроҳӣ» таъсиси кафедраи тахассусии «Ҷарроҳии 2-юм» бо воҳидҳои кории 3-дотсент, 2-муаллими калон, 10-ассистент (10 202 соат) ва 1-лаборант ҷамъ:15 воҳиди корӣ:

2.3. дар заминаи кафедраи тахассусии «Терапия» таъсиси кафедраи тахассусии «Терапия» бо воҳидҳои кории 2-дотсент, 3-муаллими калон, 19-ассистент (16 757 соат) ва 1-лаборант ҷамъ:25 воҳиди корӣ:

2.4. дар заминаи кафедраи тахассусии «Терапия» таъсиси кафедраи тахассусии «Тибби оилавӣ» бо воҳидҳои кории 1-дотсент, 1-муаллими калон, 12-ассистент (9906 соат) ва 1-лаборант ҷамъ:15 воҳиди корӣ.

3.Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, сардорони раёсати таълим, кадрҳо ва корҳои махсус, мудири шуъбаи ҳуқуқ, декани факултети тиббӣ вазифадор карда шаванд, ки вобаста ба таъсиси кафедраҳои тахассусӣ ҳисоби воҳиди штатҳои кафедра, номгӯи фанҳо, фан ва курсҳои интихобӣ, курсҳо ва семинарҳои махсусро муайян ва барои баррасӣ ва тасдиқ ба Шурои илмию методии донишгоҳ манзур намоянд.

4.Муовинони ректор оид ба илм, масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиёт, сардорони раёсати таълим, муҳосибот вазифадор карда шаванд, ки бо назардошти иҷрои банди 2-и қарори мазкур ба номгӯи

самтҳо, масъалаҳо ва мавзӯъҳои таҳқиқшавандаи илмӣ ба ҳисоби мавҷудаи воҳиди штатҳои донишгоҳ тағйироти лозима ворид созанд.

5. Сардори раёсати таълим, мудири шуъбаи ҳуқуқ ва декани факултети тиббӣ вазифадор карда шаванд, ки вобаста ба иҷрои банди 2-и қарори мазкур масъалаи ҷо ба ҷогузории ҳайати омӯзгорон ва кормандони штатии кафедраҳои навтаъсисро баррасӣ намуда, барои тасдиқ ба раёсати донишгоҳ пешниҳод намоянд.

6. Ба муовинони ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиёт, сардори раёсати муҳосибот ва декани факултети тиббӣ супориш дода шавад, ки макони фаъолияти минбаъдаи кафедраҳои навтаъсисро муайян ва онҳоро бо маводи дафтардорӣ, ашъё ва лавозимоти таълимӣ таъмин намоянд.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в., котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» сентябри соли 2022, №02 ш. Душанбе

Дар бораи ҳисоботи мудири кафедра

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи мудири кафедраи усули таълими математика ва геометрия факултети механикаю математика Исматов Сайфулло Неъматовичро барои солҳои 2017-2022 баррасӣ намуда,

**қарор кард:**

1. Ҳисоботи мудири кафедраи усули таълими математика ва геометрия факултети механикаю математика Исматов С.Н. барои солҳои 2017-2022 қаноатбахш ҳисобида шавад.
2. Ба сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус (Тавқиев Э.Ш.) супориш дода шавад, ки лоиҳаи фармоиши аз вазифаи мудири кафедра озод ва ба вазифаи и.в. дотсенти кафедраи усули таълими математика ва геометрия факултети механикаю математика таъин шудани Исматов С.Н. - ро омода ва пешниҳод намояд.
3. Сардори раёсати таълим Қосимзода С.С. вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати ишғоли вазифаи мудири кафедраи усули таълими математика ва геометрия озмун эълон намояд.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.